**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019», ки ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02-Таърихи ватанӣ**

Бисёрҳизбӣ яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, дар марҳилаи гуногуни таърихӣ ташаккул меёбад. «Дар даврони истиқлол, - қайд менамояд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар кишвари мо шумораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон босуръат афзуда, ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфт.

Ҳоло дар Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ ва зиёда аз ду ҳазору панҷсад иттииҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият доранд, ки онҳо бо иштироки шаҳрвандон дар идораи давлат, ифода ва таъмини манфиатҳои гуногуни аҳолӣ мусоидат менамоянд».

Дар ин раванд рисолаи диссертатсионии Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» аҳамияти калони илмӣ-маърифатӣ ва амалӣ дорад.

Диссертант мубрам будани мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда, қайд менамояд, ки таҳқиқоти мазкур таърихи ташаккул ва рушди 25 солаи ҲХДТ - ро фаро мегирад. Дар ин давра ҳизб бисёр воқеаҳои таърихиро аз сар гузаронид ва бевосита дар ҳамаи дастовардҳои Тоҷикистон дар сафи пеши сиёсӣ ва идеологӣ буд. Ташаккулёбии ҳизб дар давраи мушкилот ва мубориза̣ҳои сиёсӣ, паст рафтани иқтисодиёт, фарҳанг ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа, яъне солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ (1992 - 1997) ва истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1994 – 27 июни соли 1997) рост омада, аъзоёни он дар фаъолияти Комиссияи

Оштии Миллӣ (1997-2000) фаъол буданд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи сарнавиштсоз ба фаъолият шурӯъ намуда, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ барои устуворию пойдории сулҳ ва ободии Ватан кӯшиш ба харҷ дода, ҳадафи ваҳдату ягонагӣ, таъмини ояндаи неки кишвар ба шумор мерафт. Имрӯз аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ғояи умумӣ ва вазифаҳои бузурге, ки ҳалли онҳо танҳо ба манфиати ҷомеа аст, муттаҳид менамояд.

Диссертант мақсад, вазифаҳо ва доираи хронологии таҳқиқотро аниқ муайян намуда, тибқи маводи манбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ, тахлил ва ҷамъбасти маводи амиқ бо таври комплексӣ фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар солҳои 1994 - 2019 инъикос намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, дувоздаҳ зербоб, хулоса ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия - «Заминаҳои таърихӣ ва сиёсии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон» ба масъалаҳои бӯҳрони сиёсии солҳои 80 – 90 - уми асри XX ва барҳам хӯрдани яккаҳизбӣ, бисёрҳизбӣ ва рақобатҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX бахшида шудааст.

Муаллиф боби мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода қайд менамояд, ки пас аз пошхӯрии ИҶШС дар Тоҷикистон ҷомеаи бисёрҳизбӣ ба вуҷуд меояд. Вале созмонҳо ва иттиҳодияҳои бавуҷудомада, характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд ва маҳз ҳамин боиси ба вуҷуд омадани рақобатҳои мазҳабӣ ва маҳалгароӣ гардид, ки оқибат зиёда аз яксаду панҷоҳ ҳазор нафар курбони ин тассубҳо ва ҷангҳо гардиданд.

Диссертант оид ба аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари давлати тоҷикон интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон сухан ронда, аз ҷумла менависад: «Раиси

Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ин ҳамаро дарк намуда, нахуст тамоми нерӯву тавони хешро баҳри аз байн бурдани созмонҳое, ки тухми кинаву адоват ва таассубҳои маҳалгароӣ ва мазҳабиро дар кишвар мекоштанд, ба харҷ медиҳад. Бо нияти барпо намудани давлати демократӣ кӯшиш мекард, то дар ҷумҳурӣ ҳизбҳое ба вуҷуд оянд, ки маҳаки асосии фаъолияташон роҳҳои пеш бурдани соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад ва меҳвари барномаҳои кориашонро расидан ба ҷомеаи сирф демократӣ ташкил диҳад».

Дар боби дуюми диссертатсия - «Марҳилаҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, нақши раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор гардидани сулҳи тоҷикон ҷамъбаст гардидааст. Шиносоӣ бо диссертатсия ба чунин ақида меорад, ки ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайвастани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси ҲХДТ интихоб шудани Сарвари дават воқеаи муҳими сиёсӣ ба шумор меравад. Диссертант барҳак тақвият медиҳад, ки маҳбубияти дар миёни халқ доштаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон барои ҳизб сармояи бузурги сиёсӣ овард, нуфузи ҳизбро дар ҷомеа тавсеа бахшид, онро аз ҷиҳати микдорию сифатӣ афзун кард. Имрӯз созмонҳои ибтидоӣ ва ноҳиявию шаҳрии он дар саросари кишвар фаъолияти вусъатбор доранд, ҳизб ба як ҳизби комили парлумонӣ ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои демократӣ табдил ёфтааст, сол то сол шахсони зиёде ба он аъзо мешаванд, тақдирашонро ба он мепайванданд ва дар интихоботҳо фаъолона иштирок мекунанд, ки ҳамаи ин пешравиҳо ба Раиси ҳизб, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон пайвастагии ногусастанӣ дорад.

Маводӣ ҷолибро диссертант дар боби «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2010» гирд овардааст. Дар он масъалаҳои фаъолияти ҲХДТ дар пешбурди

идеологияи давлатӣ ва баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ, самтҳои асосии фаъолияти ҲХДТ ва нақши он дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон, робитаҳои байналмилалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Хулосаи диссертант дар бораи он, ки аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ мақсади Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чун дигар аҳзоби сиёсии кишвар тариқи рақобати солим ва осоишта ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб мерафт боиси дастгирист.

Андеша, ҷаҳонбинӣ, анъана ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти маънавӣ сарчашмаҳоянд, ки ҳизби мазкур дар фаъолияти худ истифода мебарад, ҳамчунин барномарезӣ ва нақшбандии ҷанбаҳои фаъолияти ҳизб ба ин омилҳо робитаи бевосита дорад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар роҳи баланад бардоштани шуури ҷамъиятӣ кӯшиш намудааст, ки электорати худро ҳам аз ҷиҳати микдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат беҳтар гардонад.

Мавқеи махсусро дар диссертатсия зербоби «Робитаҳои байналмилалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон» ишғол менамояд. Диссертант қайд менамояд, ки дар тӯли фаъолияти чоряк аср роҳбарияти ҲХДТ дар муносибатҳои байналмилалӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштани эътибору нуфузи Тоҷикистонро ҲХДТ ҳамчун самтҳои афзалиятнок ва муҳими фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ муайян карда шуд. Дар ин давра ҲХДТ бо ҳизбҳои сиёсии «Единая Россия» - и Федератсияи Россия, Ҳизби халқӣ-демократии «Нур - Отан», Ҳизби «Озарбойҷони нав», Ҳизби коммунистии Хитой, Ҳизби ҷумҳуриявии Арманистон ва даҳҳо ҳизбҳои дигар ҳамкориҳои дуҷониба, минтақавӣ ва дар доираи ИДМ ба роҳ монда, дар арсаи байналхалқӣ нуфузи худро баланд намудааст.

Натиҷаи ҳамкориҳои байналмилалии ҲХДТ бо аҳзоби сиёсии хориҷӣ дар он зоҳир мегардад, ки имрӯз парлумони Тоҷикистон дар радифи парламентҳои шинохтаи ҷаҳон шомил мебошад.

Диссертатсия бо боби «Фаъолияти институтсионалии сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019» анҷом меёбад, ки муаллиф қайд менамояд, ки дар ин марҳила дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои муҳим ба амал омадаанд.

Дар рисола қайд карда шудааст, ки дар давраи мазкур яке аз ҳадафҳои асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ин дар атрофи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол- Ватани маҳбуби ҳамаи мо» муттаҳид намудани ҳамаи гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишвар ба ҳисоб мерафт. Маҳз ҳамин ғоя нуктаи пайванд ва ҳалқаи ба ҳам оварандаи тамоми мардуми кишвар сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ гардид.

Масъалаи фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парлумони кишвар дар зербоби дуюми боби чорум таҷассум ёфтааст. Дар он тавачҷӯҳи хоса ба таъсиси Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парлумони касбии Тоҷикистон ва роҳбарони фраксия дода шудааст. Дар солҳои гуногун сарварии фраксияро Давлатов Д., Азизов А., Сангинов Ҷ., Хидирова М.ва дигарон ба ӯҳда доштаанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби фраксияи калонтарин аст, барои таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдории навини тоҷикон нақши муҳим мебозад. Фраксияи ҲХДТ дар парламент тамоми таҷрибаву фаъолияти қонунгузориашро барои фароҳам овардани шароит ва заминаи пешрафти устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар равона намуд ва ба ҳамкории пурсамари ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат кард.

Аъзои фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар мақоми олии қонунбарории мамлакат на танҳо дар эҷоди қонунҳо пурсамар фаъолият мекунанд, балки дар такмили асноди зиёди меъёрии ҳуқукии танзимкунандаи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат саҳми муносиб гузоштанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

муборизa бар зидди коррупсия», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки аз ҷониби Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парламент пешниҳод ва қабул гардидаанд.

Зербоби сеюми боби чор фарогири фаъолияти кумита ва ташкилотҳои ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар мисоли Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар щаҳри Душанбе мебошад.

Диссертант яке аз самтҳои муҳими фаъолияти кумитаҳои иҷроияи ҳизбии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои онро робитаи зич ва ҳамкориҳо бо ҳамватанони бурунмарзӣ меҳисобад. Айни ҳол, онҳо ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия кору пайкор менамоянд. Лозим ба ёдоварист, ки дар назди кумитаҳои иҷроияи ҳизбии ноҳяҳои шаҳри Душанбе ташкилотҳои ибтидоии «Мадад», «Азия» ва «Сарвар» аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии муқими Федератсияи Россия таъсис дода шуданд. Дар ташкилотҳои ибтидоии мазкур бо барқарор кадани муносибатҳои мунтазам ва ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ сафи аъзои ҳизб торафт афзоиш ёфта, нуфузи ҳизб баланд ва мавқеи он устувор мегардад.

Яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва махсусан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои ҷавононро дарбар мегирад, ки ин ҷавҳари сиёсати рӯй овардан ба ҷавонон мебошад. Диссертант зербоби чорумро ба инъикоси мавзӯи «Нақши ҷавонон дар фаъолияти ҲХДТ» бахшидааст. Бо далелҳои муътамад муаллиф татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва фаъолияти Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Созандагони Ватан» ва «Мактаби сиёсатмадори ҷавон»-ро нишон додаст. Андешаи муҳаққиқ да бораи он, ки дар як муддати кӯтоҳ аъзои Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» ба 80

ҳазор нафар расид ва он дар татбиқи сиёсати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон байни ҷавонони мамлакат ҷойгоҳи муносиби худро пайдо кард, қобили қабул мебошад.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи Қурбонова Ш.И. таҳқиқоти илмии том ва анҷомёфта мебошад.

Қобили қайд аст, ки муаллифи диссертатсия дар хулосаи худ ба фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии кишвар баҳои арзанда медиҳад. маводи арзишноки ҳуҷҷатиро доир ба минбаъда беҳтар намудан ва такмил додани фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Диссертатсияи Қурбонова Ш.И. дорои аҳамиятим илмӣ назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихон, ҷомеашиносон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои таҳқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бахшида шудаанд, кӯмаки воқеӣ расонад.

Рисолаи диссертатсионии Қурбонова Ш.И., ки ба марҳилаи муҳими сиёсии халқи тоҷик бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бешубҳа бояд қайд кард, ки вай ҷои холӣ дар таърихнигории Тоҷикистон мавҷударо пурра хоҳад кард.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро, ки дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлил рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд баён намоям.

Дар рисола фаъолияти Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон инъикос наёфтааст.

Фаъолияти Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Созандагони Ватан» дар баланд бардоштани дараҷаи худшиносӣ, ватанпарастӣ ва ватандӯстии насли наврас нокифоя нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия баъзе норасоиҳои характери техникӣ дошта мавҷуданд.

Вале ин эродҳо характери принсипиалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад.

Автореферат ва корҳои нашргардидаи унвонҷӯ мақоми асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» ба талаботи пешниҳдкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои докторӣ мувофиқат менамояд. Мувофиқи бандҳои 10,11,12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»- и тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505, Қурбонова Ширин Исмоиловна ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз ихтисоси 07.00.02-Таърихи ватанӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон доктори**
**илмҳои таърих, профессор** **Хомидзода Ф.М.**

Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳомидзода Ф.М.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.
6. 12. 2022

Нишонӣ: 735700,
ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811;
Факс: +992342225170;
E-mail: tsulp@rambler.ru.